**Тақриз**

**Ба рисолаи Шарифзода А.Қ. дар мавзӯи ”Ганҷинаи дирҳамҳои сомонии Кӯлоб ҳамчун сарчашмаи таърихӣ” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми таърих**

Аҳмияти мавзӯи рисолаи Шарифзода А.Қ. пеш аз ҳама дар он аст, ки он ба таҳқиқи ганҷинаи нав ёфт шуда ва то ҳол омӯхта нашуда, бахшида шудааст. Ин ганҷина, ба ғайр аз нав буданаш, аз чанд ҷиҳати дигар низ дорои аҳмияти калони илмӣ мебошад. Якуми ин ки он дар Хатлон ёфт шудааст ва дар бораи сиккасозӣ ва муомилоти пулии ин вилоят дар замони Сомониён сарчашмаи муҳим медиҳад. Дуюм ин ки он 1405 сиккаро дар бар гирифта, калонтарин ганҷинаи дирҳамҳои сомонӣ дар Осиёи Миёна мебошад. Ганҷинаҳои дирҳамҳои сомонии аз Ӯзбекистон ёфтшуда ба таври пурра омӯхта ва нашр нашудаанд. Ин ҳолат низ арзиши илмии Ганҷинаи Кӯлобро зиёдтар мегардонад. Дар Тоҷикистон ва Осиёи Миёна дирҳамҳои сомонӣ нисбатан кам ёфт шудаанд ва ин ҳолат фарзияеро ба миён оварда буд, ки онҳоро асосан барои тиҷорат бо Аврупо мебароварданд. Ин фарзия то ҷое асос ҳам дорад, чунки дар Аврупо садҳо ганҷинаҳои калони дирҳамҳои сомонӣ ёфт шудаанд. Аммо бозёфти ганҷинаи калон дар Кӯлоб, бо дарназардошти ду ганҷинаи калони Ӯзбекистон, дурустии ин фарзияро зери суол мегузоранд ва аз он гувоҳӣ медиҳанд, ки нақши дирҳамҳои сомонӣ дар муомилоти пулӣ дар дохили Осиёи Миёна низ кам набудааст.

Унвонҷӯ кори муҳим ва хеле душворро анҷом додааст. Хондан ва шарҳ додани навиштаҷоти 1405 дирҳам ва муайян кардани мансубияти онҳо, хондани номи амирони сомонӣ, халифаҳо, ҳокимони маҳаллӣ, сол ва макони зарб кори хеле мушкил ва заҳматталаб мебошад. Хушбахтона Шарифзода А.Қ. аз ӯҳдаи ин кор ба хубӣ баромадааст. Феҳристи Ганҷинаи Кӯлоб, ки онро унвонҷӯ дар дараҷаи баланди ҳирфавӣ тартиб додааст, дастоварди муҳими илмӣ мебошад. Феҳрист ба рисола замима карда шудааст.

Рисола заминаи боэътимоди илмӣ дорад. Он дар асоси таҳлили ҳамаҷонибаи дирҳамҳои Ганҷинаи Кӯлоб, ки маълумоти гуногуни сиккашиносӣ ва таърихиро дар бар мегирад, навишта шудааст. Барои тақвияти маълумоти дар ин ганҷина ҷой дошта ва кушодани паҳлуҳои нави мавзӯи таҳқиқ, унвонҷӯ аз сарчашмаҳои хаттии асримиёнагӣ ва китобу мақолаҳои олимони муосир ба қадри зарурат истифода бурдааст.

Дар рисола масъалаҳои муҳими марбут ба сиккашиносии сомонӣ, аз ҷумла сиккасозӣ ва муомилоти пулӣ дар Хатлон дар асрҳои IX-X таҳқиқ шудаанд. Бобҳои рисола мазмунан ва мантиқан бо ҳам пайваст буда, мавзӯи таҳқиқшавандаро дуруст ва хуб инъикос мекунанд. Яке аз бахшҳои муҳими

рисола муайян кардани таркиби ганҷина мебошад. Унвонҷӯ муайян кардааст, ки дар ин ганҷина аксарияти мутлақро дирҳамҳои сомонӣ ташкил мекунанд- 1370 дона ё 97,5 %. Ин аз он шаҳодат медиҳад, ки дар арафаи гӯр карда шудани ганҷина, яъне охири с. 316 ҳ. дар муомилоти пулии Хатлон нақши асосиро дирҳамҳои сомонӣ мебозиданд. Дирҳамҳои уммавӣ, аббосӣ ва саффорӣ дар ин давра дар муомилот нақши камранг доштанд.

Бахши дигари рисола ба табақабандии дирҳамҳои Ганҷинаи Кӯлоб аз рӯи намудашон бахшида шудааст. Ганҷинаҳои дирҳамҳои сомонӣ зиёд чоп шудаанд, аммо дар ягонтои онҳо табақабандии муфассали сиккаҳо иҷро карда нашудааст. Дар ин росто Ганҷинаи Кӯлоб ягона мебошад. Унвонҷӯ дар ин ганҷина 60 намуд ва 79 гузинаи дирҳамҳоро муайян намуда, шарҳ додааст. Табақабандӣ ба унвонҷӯ имконият додааст, ки имкониятҳо ва навоварии илмии ганҷинаро дар баррасии масолил таърихи ва сиккашиносӣ ҳадди аксар истифода барад. Табақабандии пешниҳод шударо сиккашиносон метавонанд дар омӯзиши ганҷинаҳои дигар татбиқ кунанд, ва ин дастоварди хуби илмӣ аст.

Дар таҳқиқи зарробхонаҳо низ унвонҷӯ натиҷаҳои хуб ба даст даровардааст. Мӯҳимтарин дастовард дар ин ҷода кашфи зарробхонаи Вахш мебошад, ки барои давраи Сомониён то ин вақт маълум набуд. Дар Тоҷикистон ҷойгир будани он на танҳо боиси ифтихор аст, балки имконият медиҳад, ки паҳлуҳои нави муомилоти пулӣ дар ин минтақа кушода ва таҳқиқ карда шаванд. Ҳузури ин зарробхона ва зарробхонаи Суғд, ки дирҳамҳояш хеле каманд низ арзиши илмии рисоларо баланд мебардоранд. Дар ин бахш Шарифзода А.Қ. доир ба зарробхонаҳои Маъдин, Хуттал ва Андароба низ маълумоти наву ҷолиб овардааст.

Дар Ганҷинаи Кӯлоб номи якчанд ҳокиме пайдо карда шудааст, ки пеш маълум набуданд ва ба фикри муаллифи рисола ба сулолаи хутталии Баниҷуриён тааллуқ доранд. Дар ин ганҷина дирҳамҳое ки аз номи ҳокимони Хуттал ал - Ҳарис б. Асад ва Ҷаъфар ибни Аҳмад зада шудаанд, хеле зиёданд. Унвонҷӯ дар асоси сиккаҳо ва сарчашмаҳои хаттӣ дар бораи Баниҷуриён, ки дар асрҳои IX-X ҳукмронӣ кардаанд, маълумоти нав овардааст. Хулосаи унвонҷӯ дар дар бораи тоҷик будани Баниҷуриён боварибахш ба назар мерасад ва ахбори Ибн ал-Асир онро тасдиқ мекунад.

Муомилоти пулии Хатлони замони сомониёнро Д.Довудӣ таҳқиқ карда ба се давра тақсим карда буд. Ганҷинаи Кӯлоб ин даврабандиро тасдиқ карда бо маводи нав пурратар гардонд. Дар асоси ин ганҷина унвонҷӯ муайян кардааст, ки авҷи сиккасозӣ дар Хуттал ба солҳои 310 – 314 ҳ. / 922-927 рост меояд.

Ганҷинаи Кӯлоб дар бораи вазъи сиёсии Хуттал низ маълумоти ҷолиб медиҳад. Аз ҷумла дар асоси сиккаҳо муайян карда шудааст, ки аз соли 270/883 то соли 289/901-902 Хуттал мустақил буда аз ҷониби ҳокимони маҳаллӣ идора карда мешуд. Соли 293/905-906 Исмоили Сомонӣ ин вилоятро ба давлати Сомониён ҳамроҳ мекунад ва ин санад барои таърихи Хатлон ва Сомониён хеле муҳим мебошад.

Дар рисола доир ба гардиши дирҳамҳои калони ғайримеъёрӣ дар Хатлон дар охири асри X маълумоти ҷолиб ва нав оварда шудааст. Аз ҷумла як дирҳами калони дар деҳаи Бодомту ёфт шуда, нодир мебошад. Он аз номи амири сомонӣ Мансур ибни Нуҳ (солҳои 997-999) ва султон Маҳмуди Ғазнавӣ дар Андароба баровarda шудааст.

Хулоса унвонҷӯ аз уҳдаи иҷрои вазифаҳои дар наздаш гузошта шуда ба хубӣ баромадааст. Рисола дар сатҳи баланди илмӣ навишта шудааст. Хулосаҳои муаллиф муҳим ва асоснок мебошанд. Омӯзиши Ганҷинаи Кӯлоб дастоварди муҳим дар сиккашиносии Сомониён мебошад. Муаллифи рисола Шарифзода А.Қ. бешубҳа сазовори дараҷаи илмии номзади илми таърих мебошад.

Сардори шӯъбаи бостоншиносӣ ва
сиккашиносии Осорхонаи миллии
Тоҷикистон, доктори илми таърих Д. Довутов

Тасдиқ мекунам
мудири бахши кадрҳо